Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Убайдзода Қандили Нусрат дар мавзӯи «Фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат) пешниҳод гардидааст**

Дар ҷаҳони имрӯза, ки мо шоҳиди дигаргуниҳои азим ва бунёдии иқтисоди ҷаҳонӣ ҳастем фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои муҳими таъминкунандаи бехатарӣ ва мустақилияти иқтисодии ҳар як кишвар шуморида шуда, ҳамчун воситаи расидан ба рушди иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Яке аз хусусиятҳои корхонаҳои саноатии муваффақ бартарият доштани онҳо аз нуқтаи назари рақобатпазирӣ, гузаштан ба равиши кластерӣ мебошад. Дар ин замина, омӯхтани робитаи байни фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди онҳо, иқтисодиёти корхонаҳо, соҳаҳо дар маҷмӯъ аҳамияти калони илмӣ дорад.

Таҳлили автореферати Убайдзода Қ.Н. нишон дод, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташуда дуруст ба роҳ монда шудаанд ва онҳо метавонанд фаъолияти сармоягузориро дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар созанд. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки сармоягузорӣ ба унвони муҳимтарин омили рушди иқтисоди миллӣ ва суръат бахшидан ба раванди такрористеҳсоли неъматҳои моддиву маънавӣ шинохта шудааст, ки аҳамияти он дар бахши саноат зарурати бознигарии низоми идоракунии корхонаҳои саноатиро бо таваҷҷӯҳ ба татбиқи роҳу равишҳои бунёди кластерҳои минтақавӣ ба миён овардааст. Маҳз ба ҳамин сабаб зарурати пайваста мавриди тадқиқ ва омӯзиши системавӣ қарор додани он аз ниёзҳои стратегии идоракунии корхонаҳои саноатӣ ба шумор меравад.

Бартарияти дигари автореферати муаллиф дар он зоҳир мешавад, ки вобаста ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар диссертатсия мубрамияти масъалаи фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба равиши кластерӣ асоснок карда шудааст. Зикр мегардад, ки афзалияти равиши кластерии рушди саноат дар он ифода меёбад, ки кластерҳо ин муҳаррикҳои муҳими тағйироти сохтории иқтисоди миллӣ мебошанд. Тараққиёти мамлакат аз мавқеъи назарраси миқдори муайяни кластерҳои рақобатпазир вобаста мебошад, ки дар фаъолгардонии сармоягузориҳо дар корхонаҳои саноатӣ нақши асосиро ишғол менамоянд. Аз ҷониби дигар, кластерҳо масъалаҳои бунёдии (асосии) иқтисоди миллиро дар сатҳи байналхалқӣ, ки марбут ба таъмини рақобатпазирии молу хадамоти

истеҳсоли ватанӣ мебошад, ҳаллу фасл менамоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таҳлили вазъи сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки фаъолияти ноустувор ва суръати бетағйири фаъолияти сармоягузорӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ таъсири мусбӣ расонида наметавонад. Чунин ҳолат зарурияти тақвият додани таҳқиқот дар самти ошкор намудани роҳҳои асосии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузориро дар мамлакат талаб мекунад.

Дар хулоса пешниҳодҳои мушаххас доир ба фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ пешниҳод гардидааст.

Дар баробари оне, ки автореферат ҷиҳатҳои мусбиро дорост, дар рафти мутолиаи он баъзе камбудӣ ва нуқсонҳо ба назар мерасанд:

1. Дар авторекферат баъзе ҷабҳаҳои арзёбии потенсиали рушд ва самаранокии иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти бунёди кластерҳои соҳавӣ ба пуррагӣ сурат нагирифтааст.
2. Инчунин дар раванди коркарди стратегияи рушди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ояндабинии самтҳои фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ корхонаҳои саноатӣ бо назардошти рушди кластери саноатӣ ҳаматарафа дида баромада нашудааст.

Дар маҷмӯ норасоиҳои қайд шуда характери тавсиявӣ дошта ба мазмун ва моҳияти калидии рисола таъсир намерасонад.

Ба ин тариқ метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Убайдзода Қандили Нусрат дар мавзӯи «Фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат) пешниҳод шудааст ба ҳама талаботҳои Низомномаи намунавии Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат) мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи молияи
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Р.К.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2,
тел: +992934444107, E, mail: drrajab@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Р.К. Раҷабовро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС